# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории ҷумҳурии тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Масъалаи танзими ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан соҳаи ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, кафолати гуногуншаклии моликият ва рушди муомилоти озоди маданӣ боиси густариши муносибатҳои шартномавӣ гардида, масъалаи таъмини сифати мол дар доираи шартномаи хариду фурӯш аҳамияти бештар пайдо намудааст. Дар чунин шароит масъалаи таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии харидор, таъмини мутобиқати сифати мол ба талаботи шартнома ва асоснок намудани воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалӣ касб менамояд.

Муаллиф дар автореферат мубрамияти мавзуи таҳқиқотро ҳаматарафа арзёбӣ ва асоснок намуда, қайд менамояд, ки дар замони муосир яке аз самтҳои муҳими рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва муомилоти шаҳрвандӣ муносибатҳои вобаста ба хариду фурӯши мол ба ҳисоб меравand. Азбаски сифати мол яке аз шартҳои муҳими шартномаи хариду фурӯш маҳсуб ёфта, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои харидор ва таъмини иҷрои дахлдори уҳдадориҳои шартномавӣ таъсири мустақим мерасонад, танзими ҳуқуқии он аҳамияти махсус пайдо менамояд (саҳ. 3). Дарвоқеъ, танзими дурусти масъалаҳои вобаста ба сифати мол ҳамчун воситаи муҳими ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, таъмини рақобати солим ва устувории муносибатҳои маданӣ баромад менамояд.

Омӯзиши илмии масъалаҳои ба сифати мол алоқаманд, аз ҷумла мафҳуми сифати мол, камбудиҳои мол, муҳлати кафолат, ҷавобгарии фурӯшанда барои пешниҳоди моли бесифат, ҳуқуқҳои харидор ва масъалаҳои вобаста ба мутобиқати мол ба шартҳои шартнома самти муҳими ҳуқуқи маданӣ маҳсуб меёбад, ки ба таҳқиқи амиқи илмӣ ниёз дорад. Ҳамзамон, таҳқиқи мавзуи мазкур аз нигоҳи амалӣ низ мубрам мебошад, зеро имрӯзҳо дар амалияи судӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, нотариалӣ ва дигар мақомоти давлатӣ масъалаҳои зиёди баҳсӣ вобаста ба сифати мол ва оқибатҳои ҳуқуқии пешниҳоди моли бесифат ба назар мерасанд.

Ҳамзамон, қобили зикр аст, ки то ин муддат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар самти шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд баъзе масъалаҳои алоҳидаи ин мавзуъ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва дигар таҳқиқотҳо баррасӣ гардида бошанд ҳам, аммо онҳо тамоми паҳлуҳои назариявӣ ва амалии масъалаи мазкурро фаро нагирифтаанд. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Аз мазмуни автореферати диссертатсия бармеояд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант паҳлуҳои муҳимтарини мавзуи мавриди назарро фаро гирифта, нисбат ба масъалаҳои таҳқиқталаби он баҳои асосноки илмӣ дода шудааст. Аз масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пайдарпай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст.

Диссертант дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро дуруст муайян намуда (саҳ. 8–9), мавзуъро дар доираи онҳо таҳлил кардааст. Муаллиф навгониҳои таҳқиқотро муайян намудааст (саҳ. 12–15), ки онҳо барои илми ҳуқуқи мадании ватанӣ аҳамияти муайяни илмӣ дошта, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок мебошанд. Ҳамзамон, як қатор нуктаҳои дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки аз сатҳи баланди илмии таҳқиқот ва таҳлили ҳаматарафаи масъала шаҳодат медиҳанд. Аз

ҷумла, пешниҳодҳои муаллиф вобаста ба такмили меъёрҳои қонунгузории маданӣ дар самти муайян намудани сифати мол, кафолати сифат, ҷавобгарии фурӯшанда барои пешниҳоди моли бесифат ва ҳифзи ҳуқуқи харидор метавонанд барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳамияти муайян дошта бошанд.

Дар қисмати хулосавии автореферат муаллиф дар робита ба масъалаҳои алоҳидаи таҳқиқот хулосаҳои илмӣ пешниҳод намуда, инчунин барои татбиқи амалии натиҷаҳои диссертатсия тавсияҳо манзур кардааст.

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки диссертант дар кори анҷомдодаи худ ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст. Вале новобаста аз муваффақиятҳои мавҷуда, дар автореферат баъзе масъалаҳои ҷузъии баҳснок ва норавшан ба назар мерасанд. Аз ҷумла, мувофиқи мақсад мебуд, ки муаллиф масъалаҳои вобаста ба фарқгузории мафҳумҳои «камбудии мол», «моли бесифат» ва «номувофиқати мол ба шартҳои шартнома»-ро муфассалтар таҳлил менамуд, зеро дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ маҳз ҳамин масъалаҳо бештар боиси баҳсҳои ҳуқуқӣ мегарданд. Инчунин, тақвияти таҳлили муқоисавии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ метавонад арзиши илмии таҳқиқотро боз ҳам баландтар намояд.

Мулоҳизаи баёншуда ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, балки мубрамияти мазмуну моҳияти илмӣ ва амалии таҳқиқотро нишон медиҳад.

Маврид ба зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, қисми муайяни онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардида, мазмун ва моҳияти диссертатсияро пурра

инъикос менамояд ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Қудратов Н.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, к. Фирдавсӣ 29/1 ҳ. 1, **Тел.:** (+992 237) 935960001. **E-mail:** kudratov.nek@gmail.com

«Имзои Қудратов Н.А.- ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5,**Тел.:** (+992 237) 234-88-02. **E-mail:** kudratov.nek@gmail.com

«29» майи соли 2026